# 21-УМИ МАРТ - РУЗИ БАЙНАЛМИЛАЛЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи пиряхҳо ва захираҳои обӣ бо сарварии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз ҷойгоҳи калидиро дар меҳвари сиёсати умумиҷаҳонӣ касб намудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳанӯз моҳи марти соли 2021 зимни нахустин ҷаласаи пешвоёни Эътилофи обу иқлим Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуда буданд, ки обшавии босуръати пиряхҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки аз афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад.

Бо назардошти ин, Президенти кишвар пешниҳод намуданд, ки ҷиҳати тамаркуз кардан ба масъалаи мазкур дар сатҳи байналмилалӣ, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо муайян гардида, Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шавад.

Санаи 14-уми декабри соли 2022 зимни иҷлосияи 77-уми худ, Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо пуштибонии 153 кишвари аъзо ташаббуси 5-уми байналмилалии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар соҳаи обу иқлим  бо иттифоқи оро қабул кард.  Тибқи ин қатънома соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон карда шуд ва  аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол рӯзи 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо таҷлил карда мешавад. Инчунин, мутобиқи ин қатънома Созмони Милали Муттаҳид таҳти ҳамоҳангии Дабири кулли ин созмон Фонди боварии мақсаднок, яъне Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимодро ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо таъсис медиҳад. Он яке аз қатъномаҳои нодир ба ҳисоб меравад, зеро дар он ҳам эълони Рӯзи байналмилалӣ ва ҳам Соли байналмилалӣ дарҷ гардидааст. Ин иқдоми Созмони Милали Муттаҳид бори дигар нуфузи ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро нишон медиҳад.

Қатъномаи номбурда аҳаммияти пиряхҳоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври обшиносӣ (гидрологӣ) ва таъсири ҷиддии обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор қайд намудааст.

Инчунин дар ин санад таъкид шудааст, ки таъсири гармшавии глобалӣ боиси коҳиши густурдаи криосфера шудааст, ки дар натиҷа устуворӣ дар минтақаҳои баландкӯҳҳо кам шуда, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳои барфу пиряхдор тағйир додааст.

Ин омил ба паст шудани маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ, афзоиши норасоии об ва баланд шудани сатҳи миёнаи баҳр таъсир расонида истодааст.

Теъдоди зиёди ҳаммуаллифони қатъномаи болозикр бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми он барои ҳаллу фасли чолишҳои ҷаҳонӣ эътимод дорад.

Санаи 21-уми март эълон гардидани Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо низ ба ҳифзу нигоҳдошт ва аҳаммияти муҳим доштани пиряхҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ равона гардидааст.

Боиси ифтихор аст, ки дар асоси ин қатънома, пешниҳодҳои ироашудаи Президенти кишвар аз ҷониби кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд, аз ҷумла:

- Эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;
- Эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;
- Дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо;
- Дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар ш. Душанбе.

Санаи 21-уми март муайян гардидани “Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” басо рамзӣ ва падидаи нек аст. Зеро ин рӯз мардуми шарифи Тоҷикистон, тамоми тоҷикзабонони ҷаҳон ва мардумони “Ҳавзаи Наврӯз” Ҷашни байналмилалии Наврӯзро бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил менамоянд. Яъне аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид муайян шудани 21-уми март ҳамчун “Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” беҳикмат набуда, нишон аз арҷгузории ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ба фарҳанги тоҷикон, махсусан ташаббусҳои Пешвои тоҷикони ҷаҳон, сиёсатмадори сатҳи байналмилалӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

**Раҳимзода Давлатҷон-**
**мутахассиси шуъбаи яшиносӣ ва барфу тармасанҷии Маркази яхшиносии Агентии обуҳавошиносӣ.**

# 21 МАРТА - МЕЖДУНАРОДНЫЙ ДЕНЬ ЗАЩИТЫ ЛЕДНИКОВ

Республика Таджикистан в сфере защиты ледников и водных ресурсов под непосредственным руководством Основателя мира и национального единства — Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона, заняла одно из ключевых мест в рамках глобальной политики.

Следует отметить, что еще в марте 2021 года в ходе первого заседания лидеров водно-климатической коалиции Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон отметил, что быстрое таяние ледников наряду с увеличением потребления воды, которое зависит от роста населения и экономического развития, может привести к негативным последствиям.

В связи с этим Президент страны выступил с предложением, для того, чтобы сосредоточиться на данном вопросе на международном уровне, определить 2025 год как Международный год защиты ледников и Международный День защиты ледников а также создать специальный международный фонд защиты ледников.

14 декабря 2022 года в ходе своей 77-й сессии Генеральная Ассамблея Организации Объединенных Наций при поддержке 153 стран-членов приняла 5-ю международную инициативу лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в области воды и климата. В соответствии с резолюцией 2025 год был объявлен Международным годом защиты ледников, а с начала 2025 года ежегодно 21 марта отмечается Всемирный день ледников. Также в соответствии с этой резолюцией Организация Объединенных Наций по согласованию с генеральным секретарем организации создает целевой трастовый фонд, то есть международный целевой трастовый фонд по защите ледников. Это одно из редких резолюций, так как содержит объявление как Международного дня, так и Международного года.

В резолюции подчеркивается важность ледников как составной части гидрологического цикла и серьезное влияние их быстрого таяния на климат, окружающую среду, здоровье человека и устойчивое развитие.

Также в документе подчеркивается, что воздействие глобального потепления привело к широкомасштабному обесцвечиванию криосферы, что привело к снижению устойчивости в высокогорных районах, изменению количества и сезона стока и водных ресурсов в бассейнах снежных и ледниковых рек.

Этот фактор сказывается на снижении разнообразия сельскохозяйственной продукции, увеличении дефицита воды, повышении среднего уровня моря, а также на влиянии в целом на биоразнообразие фауны и флоры.

Многие соавторы резолюции еще раз свидетельствуют о том, что мировое сообщество доверяет инициативам Республики Таджикистан и ее вкладу в решение глобальных проблем.

Объявление 21 марта Международным Днем защиты ледников также направлено на защиту и сохранение ледников на мировом уровне.

Мы гордимся тем, что на основании этой резолюции предложения, выдвинутые Президентом страны, получили поддержку со стороны государств-членов ООН, в том числе:

- 21 марта объявлено Международным днем защиты ледников;
- 2025 год объявлен Международным годом защиты ледников;
- Создание при ООН Международного трастового фонда для содействия сохранению ледников;
- Проведение в 2025 году Международной конференции по сохранению ледников в г. Душанбе.

Кроме того, как 21 марта знаменуется "Международным Днем защиты ледников", в этот день народ Таджикистана отмечает Международный праздник “Навруз” с особым великолепием. То есть определение 21 марта Организацией Объединенных Наций как “Международный день защиты ледников” не лишено своего значения и является данью уважения мировому сообществу, в том числе Организации Объединенных Наций, таджикской культуре, особенно инициативам лидера Таджикистана, политика международного уровня уважаемого Эмомали Рахмона и демонстрирует глобальное влияние Основателя мира и национального единства-Лидера нации, Президента Республики Таджикистан.

**Рахимзода Давлатджон-**
**специалист Центра гляциологии**
**Агентства по гидрометеорологии.**

# MARCH 21 - INTERNATIONAL GLACIER PROTECTION DAY

The Republic of Tajikistan, under the direct leadership of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon, has taken one of the key places in global politics in the field of glacier and water resources protection.

It should be noted that back in March 2021, during the first meeting of the leaders of the water and climate coalition, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon noted that the rapid melting of glaciers along with increased water consumption, which depends on population growth and economic development, can lead to negative consequences.

In this regard, the President of the country made a proposal, in order to focus on this issue at the international level, to define 2025 as the International Year for the Protection of Glaciers and the International Day for the Protection of Glaciers, as well as to create a special international fund for the protection of glaciers.

On December 14, 2022, during its 77th session, the United Nations General Assembly, with the support of 153 member countries, adopted the 5th international initiative of the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the field of water and climate. In accordance with the resolution, 2025 was declared the International Year of Glacier Protection, and since the beginning of 2025, World Glacier Day has been celebrated annually on March 21. Also, in accordance with this resolution, the United Nations, in coordination with the Secretary-General of the organization, creates a trust fund, that is, an international trust fund for the protection of glaciers. This is one of the rare resolutions, as it contains the declaration of both an International Day and an International Year.

The resolution highlights the importance of glaciers as an integral part of the hydrological cycle and the serious impact of their rapid melting on climate, the environment, human health and sustainable development.

The document also emphasizes that the impact of global warming has led to widespread bleaching of the cryosphere, which has led to a decrease in sustainability in high-altitude areas, changes in the amount and season of runoff and water resources in the basins of snowy and glacial rivers.

This factor affects a decrease in the diversity of agricultural products, an increase in water scarcity, an increase in average sea level, as well as the overall impact on the biodiversity of fauna and flora.

Many co-authors of the resolution once again testify that the international community trusts the initiatives of the Republic of Tajikistan and its contribution to solving global problems.

The announcement of March 21 as the International Glacier Protection Day is also aimed at protecting and preserving glaciers on a global level.

We are proud that, based on this resolution, the proposals put forward by the President of the country have received support from the UN Member states, including:

- March 21 has been declared the International Glacier Protection Day;
- 2025 has been declared the International Year of Glacier Protection;
- Creation of an International trust Fund at the United Nations to promote glacier conservation;
- Holding an international conference on Glacier Conservation in Dushanbe in 2025.

In addition, as March 21 is marked by the "International Glacier Protection Day", on this day the people of Tajikistan celebrate the International Holiday “Navruz" with special splendor. That is, the definition of March 21 by the United Nations as “International Glacier Protection Day” is not without its significance and is a tribute to the world community, including the United Nations, Tajik culture, especially the initiatives of the leader of Tajikistan, the internationally respected politician Emomali Rahmon, and demonstrates the global influence of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation. The President of the Republic of Tajikistan.

**Rahimzoda Davlatjon is a specialist at the Glaciology Center of the Agency for Hydrometeorology.**